*УДК 334*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-1-46-53*

***МОҲИЯТИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗАРУРАТИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ОН (ДАР МИСОЛИ МОИ "СУҒД")***

***Бобоева Шаҳло Ғаниевна,*** *муаллимаи калони кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионии ДИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***СУЩНОСТЬ СВОБОДНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЗОНЫ И НЕОБХОДИМОСТЬ ЕЁ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ (НА МАТЕРИАЛАХ СЭЗ «СУГД»)***

***Бобоева Шахло Ганиевна,*** *старший преподаватель кафедры высшей математики и инновационных технологий ИЭТ ТГУК в г. Худжанде (Худжанд, Таджикистан)*

***THE BASIS OF STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE FREE ECONOMIC ZONE (ON THE MATERIALS OF THE FEZ «SUGHD»)***

***Boboeva Shahlo Ganievna,*** *senior teacher of higher mathematics and innovative technologies department of the Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce Khujand (Khujand, Tajikistan)*
***E-MAIL:*** *boboeva_90@inbox.ru*

*Зарурати дастгирии давлатии корхонаҳои бизнеси хурду миёна дар минтақаи озоди иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ, фаъолият бурда барои васеъ намудани иштироки ҳамаи шаклҳои соҳибкорӣ дар муомилоти содиротию воридотӣ, намоишу ярмаркаҳои байналмилалӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ чораҳо меандешанд. Бо истифода аз усули ҳисобкард ва таҳлили иқтисодӣ исбот мешавад, ки чи тавр роҳи бо дастгирии корхонаҳои бизнеси хурду миёна рушди устувории иқтисодиро таъмин кардан мумкин аст. Мудаллал сохта шудааст, ки бидуни рушди корхонаҳои хурду миёна ноил гаштан ба пешравии иқтисодиёт ғайриимкон мебошад. Ташкил карда шудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз нуқтаи назари рушди бизнеси хурду миёна, соҳаи хизматрасонӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ, ки дар инкишофи минбаъдаи иқтисодиёт саҳми назаррас мегузаранд, ба риштаи кашида таҳлил шудааст. Азхудкунии заминҳои нав, рушди ҳунарҳои дастӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон самтҳои афзалиятноки низоми давлатии дастгирии бизнеси хурд дар иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо****: минтақаи озоди иқтисодӣ, захираҳои молиявӣ, низоми давлатӣ, ташкилотҳои молиявӣ, қарздиҳӣ, сармоягузорӣ, диверсификатсияи сохтори содирот, рушди равобити тиҷоратӣ*

*В основном рассматривается необходимость государственной поддержки субъектов малого и среднего бизнеса в свободной экономической зоне. Отмечено, что государственные органы и общественные организации работают с целью поддержки предпринимательства, принимая меры по расширению всех его форм в экспортно-импортных кругах, на международных выставках и ярмарках, в реализации программ и проектов внешнеэкономической деятельности. С использованием методологии математического учета и экономического анализа доказано, как обеспечить устойчивый экономический рост в результате поддержки малого и среднего бизнеса. Обосновано, что без развития малых и средних предприятий невозможно добиться экономического роста. Создание свободных экономических зон проанализировано с с точки зрения развития малого и среднего бизнеса, оказания услуг в региональной экономике, которые вносят значительный вклад в развитие национальной экономики. Освоение новых земель, развитие ремесел и повышение правовых знаний*

*граждан представлены как приоритетные направления государственной системы развития малого предпринимательства в регионе.*

***Ключевые слова:*** *свободная экономическая зона, финансовые ресурсы, государственная система, финансовые институты, кредитование, инвестиции, диверсификация структуры экспорта, развитие торговых отношений*

*The article examines the essence of innovative entrepreneurship and methodological approaches to its assessment, as well as a study of foreign experience in the development of innovations in business. Separate theoretical and practical provisions on the formation of tools for the innovative development of small and medium-sized businesses in the regional economy have been developed and improved. activity of the FEZ "Sughd" as a locomotive of innovative entrepreneurship. It has been established that the activity of innovative activity in business sector of Sughd region of Tajikistan is unstable, since this process is still in its infancy and is not widespread. It has been researched that the majority of business structures in Sughd region work mainly in low-tech industries, including the production of food products, drinks, textiles, leather goods and footwear. In general, the problems of improving the process of intensifying innovative entrepreneurship and enhancing entrepreneurial activity are disclosed in the region, and methods of state regulation of innovative activity in the entrepreneurial sector are reviewed.*

***Key words:*** *entrepreneurial sector, socio-economic system, region, innovation enterprise, business development, sustainability, free economic zone, entrepreneurial activity*

Дар рушди иқтисодиёти ҳар як кишвар соҳаи саноат ва тиҷорат яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Мақсад аз ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварамон вусъат додани иқтисодиёти кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии миллӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии Тоҷикистон мебошад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҳамзамон бо мақсади таъмини шароити мусоид тезонидани рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо мақсадҳои таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, рушди бомароми иқтисодиёт дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва истифодаи маҷмӯи сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии дохиливу хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ: афзоиши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, зиёд намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ такшкил шудаанд.

Дар шароити бозоргонӣ аксарияти кишварҳо дар тақсимоти байналхалқии меҳнат бо тариқи гуногун иштирок менамоянд. Дар кишварҳое, ки дар назди худ мақсади ҷалби сармояҳои хориҷиро бо роҳи ҳавасмандгардонии сармоягузор мегузоранд, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ташкил карда мешавад. Дар байни сохтори ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди минтақаҳо дар кишварҳои алоҳида МОИ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад.

Яке аз шартҳои асосии мавҷудияти минтақаи озоди иқтисодӣ (аз ҷумла озоди тиҷоратӣ) ин салоҳияти минтақа ва ризоияти аҳолии он аст. Ҳамчунин, мавҷуд будани шароити хуби ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ, ҳамсарҳад будан бо давлату кишварҳои хориҷа, мавҷудияти бандар ва роҳҳои нақлиётӣ (ҳавоӣ, обӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ) аҳамияти калон дорад. Вазъи воқеӣ ва шароити дар оянда тараққӣ додани инфрасохтори истеҳсолӣ низ нақши муҳим мебозад.

Дар замони муосир ба раванди ташкили МОИ чи кишварҳои тараққикарда ва чи мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ҳамроҳ шудаанд. Дар тараққиёти иқтисодии ин кишварҳо МОИ ҳиссаи намоёнро дорад, ки он аз рушди иқтисодиёт барои сармояи хориҷӣ, зиёд гаштани иқтидори содиротии минтақаҳо, ҷойҳои нави корӣ ва ҳоказо шаҳодат медиҳад. Барои ҳар чи бештар ҷалби

сармояҳои хориҷӣ ва рушди иқтисодиёт, аксарияти кишварҳо имтиёзҳои алоҳида нишон медиҳанд. Дар ҷаҳон ин гуна минтақаҳо ба худ номи минтақаи озоди иқтисодиро гирифтаанд. Махсусан, соли 1973 Конвенсияи байналхалқии Киото бо чунин хусусиятҳо; имтиёзҳои андозӣ, боҷу хироҷи паст ва дигар хизматрасониҳо МОИ-ро номгузорӣ намудааст.

Дар адабиёти илмӣ то 30 намуди гуногуни МОИ-ро фарқ кардан мумкин аст, ба монанди:

- савдои байналмилалӣ (паст кардан ва ё тамоман барҳам додани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои ААИ, тартиби содакардаи амалиётҳои савдои беруна);
- даромадҳои давлатӣ, вобастагии андоз аз ҳавасмандгардонии намуди фаъолият;
- молиявӣ, намудҳои гуногуни ёрдампулӣ аз ҳисоби буҷет ва имтиёз дар қарзи бонкӣ, нархи пасти истифодаи хизматрасониҳо, паст кардани нархи иҷорапулии истифодаи замин ва ҳоказо.

Мақсади дастгирии давлатии минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҳар як давлат, вобаста аз сатҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва барномаҳои стратегӣ гуногун мебошад. Дар кишварҳои тараққикарда, ба монанди ИМА, Британиёи Кабир ва Фаронса МОИ ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва аз нав барқарор намудани савдои хурд дар минтақаҳои қафомонда равона карда шудааст.

Ҳамин тавр, дар ташкили МОИ фарқияти мамлакатҳои тараққикарда нисбати мамлакатҳои тараққикунанда, ин ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, баланд бардоштани тахасуснокии қувваи корӣ ва техникаву технологияҳои замонавӣ мебошад. Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон ва махсусгардонии МОИ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо ба хамроҳ намудани мамлакат ба раванди тараққиёти тақсимоти байналхалқии меҳнат равона карда шудаанд. Мақсади дигари ташкили МОИ таъмини бозори дохила бо маҳсулоти баландсифат мебошад. Барои ба даст овардани ин мақсад, истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунандаро бо ёрии сармояии хориҷӣ ба роҳ мондан лозим аст. Талабот ба кадрҳои баландихтисос, яъне инкишофи сатҳи дониши қувваи корӣ дар хоҷагии миллии кишвар мақсади дигари ташкили МОИ барои мамлакатҳои дар ҳоли тараққӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар ташкили МОИ мақсадҳо бояд дақиқ муайян карда шуда бошанд. Ин талабот дар интихоби имтиёзҳо барои фаъолияти субъектони хоҷагдорӣ низ муҳим мебошад. Аз рӯи аломатҳои таснифӣ МОИ-ро метавон ба ду шакл ҷудо кард:

1. Шакли экстравертивӣ - маҳсулоти он асосан ба бозори беруна равона карда шудааст. Субъектҳои дар ин гуна минтақа ҷойгиршуда, аз 75 то 95 фоизи маҳсулоти истеҳсол кардаашонро содир мекунанд. Субъектҳои мазкур, ки дар ин гуна минтақаҳо ҷойгир шудаанд, коркарди маҳсулоти нимтайёрро дар ӯҳда доранд.
2. Шакли инвентаритивӣ - он асосан шакли асосии техникӣ дар иқтисодиёти миллӣ минтақавӣ мебошад. Яке аз бомуваффақияти шакли инвентаритивӣ минтақаи истеҳсолии содиротии «Манаус» (дар Бразилия) мебошад.

Аз рӯи хусусият ва сохт МОИ-ро ба намудҳои давлатӣ, хусусӣ ва омехта тақсим кардан мумкин аст. Намуди хусусӣ намуди паҳншудаи МОИ мебошад. Вобаста аз фаъолияту мақсад МОИ-ро ба намудҳои дигар низ ҷудо намудан мумкин аст:

- минтақаҳои маҷмӯии дорои хусусияти истеҳсолӣ;
- савдои хориҷӣ (минтақаҳои озоди гумрукӣ, инчунин минтақаи содироти истеҳсолию транзитӣ);
- соҳавӣ ё ин ки махсусгардонида (технолологӣ, бонкӣ, сайёҳӣ).[1]

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки махсусгардонии аниқ вуҷуд дорад, масалан минтақаи истеҳсолию содиротӣ, ки аз якчанд ташкилотҳои соҳавӣ иборат мебошад (дар Кореяи Ҷанубӣ минтақаи саноатӣ дар шаҳри Кумӣ ба истеҳсоли маҳсулоти электротехникӣ, дар шаҳри Чханвон ба истеҳсоли маҳсулоти мошинсозӣ ва дар шаҳри Еҷҳон бо истеҳсоли маҳсулоти нафту кимиёӣ махсус гардонида шудаанд).

Меъёрҳои махсусгардонии МОИ аз рӯи шакли фаъолият ва ё мақсадҳои

равонакардашуда ба чаҳор намуди асосӣ ҷудо карда мешавад:

-минтақаҳои озоди савдо;

-минтақаҳои содироти истеҳсолӣ;

-паркҳои илмӣ - саноатӣ;

-марказҳои офшорӣ (6, с.276).

Дар ҳақиқат, вобаста ба шароити кунунии Тоҷикистон имрӯз барои аз буҳрони иқтисодӣ берун овардани ноҳияҳои махсуси ҷумҳуриамон ва барои беҳбудии шароити зиндагии сокинон ва ҳам рушди иқтисодёти миллӣ дастгирии давлатии минтақаи озоди иқтисодӣ манфиатнок аст. Дастгирии давлатии минтақаи озоди иқтисодӣ мақсадҳои зеринро пойгирӣ мекунад:

- ҷалби технологияҳои ҳозиразамон дар сатҳи байналмилалӣ;
- рушди иқтисодиёт бо роҳҳои ҷалби сармояҳои хориҷӣ;
- зиёд намудани захираҳо бо роҳи воридоти активҳои молиявӣ;
- қонеъгардонидани талаботи бозори дохилӣ;
- муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ғайра.

Лозим ба таъкид аст, ки дастгирии давлатии рушди корхонаҳои саноатии минтақаи озоди иқтисодӣ ба беҳтар намудани беҳсозии фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва муаррифии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Ба мақсади ҷалби ҳарчи бештари сармояи ватаниву хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳор минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст; МОИ “Суғд”, МОИ “Данғара”, МОИ “Панҷ” ва МОИ “Ишкошим”.[3]

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ зиёда аз 75 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст, Аз ҷумла дар МОИ “Суғд”-**30 адад**, МОИ “Данғара”- 25 адад, МОИ “Панҷ”-16 адад ва “Ишкошим”-5адад. Аз онҳо, дар айни замон - 23 ширкат, аз ҷумла дар МОИ “Суғд”- 18 ва дар МОИ “Данғара”- 3 ва дар МОИ "Панҷ"- 2 ширкат фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва содиротию воридотиро ба роҳ мондаанд.

Шумораи умумии ҷойҳои кории ташкил гардида дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба зиёда аз 1072 нафар расидааст. Аз он ҷумла, дар МОИ «Суғд» - 599 нафар дар МОИ «Данғара» - 407нафар, дар МОИ «Панҷ» - 120 нафар ва дар МОИ «Ишкошим» - 14 нафар бо ҷои кор таъмин карда шудаанд.[4]

Дар МОИ-и кишвар то ин давра ба маблағи беш аз 200 млн сомонӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва фаъолияти содиротию воридотӣ анҷом дода шудааст (нигар ба ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1***

***Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020***

| | ***Шумораи субъектҳо*** | | ***Ҷои корӣ*** | | ***Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда*** | | ***Ҳаҷми инвеститсия*** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *воҳид* | *бо %* | *нафар* | *бо %* | *млн. сом.* | *бо %* | *млн.сом.* | *бо %* |
| *МОИ “Данғара”* | *25* | *33,3* | *407* | *37,9* | *36,8* | *18,3* | *129,2* | *88,3* |
| *МОИ “Суғд”* | *29* | *38,7* | *599* | *55,8* | *163,2* | *81,3* | *9,5* | *6,5* |
| *МОИ “Панҷ”* | *16* | *21,3* | *52* | *4,9* | *0,8* | *0,4* | *3,9* | *2,7* |
| *МОИ “Ишкошим”* | *5* | *6,7* | *14* | *1,3* | *0,03* | *0,01* | *3,7* | *2,5* |
| *Ҳамагӣ* | *75* | *100* | *1072* | *100* | *200,83* | *100* | *146,3* | *100* |

***Сарчашма:*** *http://fezsughd.tj/ [Санаи муроҷиат 23.03.2020]*

Дар маҷмӯъ, заминҳои ба минтақаҳои озоди иқтисодии дахлдор 1447 гектар. (МОИ

"Суғд"- 320 гектар, МОИ "Данғара"-521 гектар, МОИ "Панҷ"- 401,6 гектар ва МОИ "Ишкошим"-200 гектар, МОИ" Панҷ"-11 га. ва МОИ "Ишкошим"-0 га)–ро ташкил мекунанд. Аз оғози фаъолият то ин давра масоҳати заминҳои азхудшуда ба 178 гектар расидааст: МОИ "Суғд"-24 га, МОИ "Данғара"-143 га.

Ҳаҷми сармояи мустақими азхудшуда дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир чунин аст: (нигар ба ҷадвали 2)

***Ҷадвали 2***

***Ҳаҷми сармояи мустақим дар МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| т/р | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ | Ҳаҷми сармоягузории мустақим, млн.сом |
|---|---|---|
| 1. | МОИ "Суғд" | 50,3 |
| 2. | МОИ "Данғара" | 619,4 |
| 3. | МОИ "Панҷ" | 1,8 |
| | Ҳамагӣ | 671,5 |

***Сарчашма:*** *Муаллиф аз рӯи ҳисоботи солонаи фаъолияти МОИ кишвар таҳия кардааст.*

Самти асосии фаъолияти маъмурияти минтақа дар марҳилаи аввал бунёди инфрасохтори он буд. Аз оғози таъсисёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ то имрӯз барои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа ва нигаҳдории он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 32,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла ба МОИ «Суғд» - 4,8 млн. сомонӣ, МОИ «Данғара» - 12,8 млн. сомонӣ, МОИ «Панҷ» - 6,8 млн. сомонӣ, ва МОИ «Ишкошим» - 7,6 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст. Ин маблағ асосан барои таҳияи лоиҳаҳои сметавӣ, гузаронидани хати қувваи барқ, қубурҳои обгузаронӣ, сохтмони биноҳои маъмурӣ ва ғайра сарф шудааст.

Воридоти пардохтҳо аз ҷониби МОИ «Суғд» ба буҷети давлат дар солҳои 2015-2021 чунин аст: (нигар ба ҷадвали 3)

***Ҷадвали 3***

***Воридоти пардохтҳо аз ҷониби МОИ «Суғд» ба буҷети давлат дар солҳои 2015-2021***

*(ҳаз.сом.)*

| *Намуди андозҳо* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Андоз аз даромад | *528,7* | *658,3* | *843,6* | *880,0* | *1219,4* | *2184,6* | *2293,7* | *8606,3* |
| Андози иҷтимоӣ | *1039,1* | *1269,1* | *1305,1* | *1747,8* | *1980,2* | *2244,2* | *2998,1* | *12583,6* |
| Боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои ААИ | *8249,7* | *10717* | *10310,9* | *15947,6* | *20417,7* | *21011,3* | *31844,4* | *118498,6* |

***Сарчашма:*** *Муаллиф аз рӯи ҳисоботи солонаи фаъолияти МОИ "Суғд" таҳия кардааст.*

Таҳлил нишон дод, ки воридоти пардохти МОИ «Суғд» ба буҷети давлат, аз ҷумла, аз андоз аз даромад дар соли 2021 ба 2293,7ҳазор сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2015 мутаносибан 4,34 маротиба ва аз андози иҷтимоӣ дар соли 2021 ба 2998,1 баробар гардида, нисбат ба соли 2015 ба миқдори 2,9 маротиба зиёд шудааст.[2]

Молҳои хориҷӣ ва ватанӣ ба минтақаи озоди иқтисодӣ бо пурра озод будан аз пардохти

боҷҳои гумрукӣ, андозҳо зери назорати мақомоти гумрук бо шартҳои муайян намудаи низоми гумрукии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ворид карда мешаванд.

Субъектҳои МОИ дар доираи фаъолияти худ дар МОИ бо дастгирии давлат аз пардохти ҳамаи намудҳои андози муқарранамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои андозҳои дар қисмҳои 2 ва 3-и ҳамин модда пешбинигардида озод карда шудаанд.[5, с.314]

Ширкатҳои азими МОИ “Суғд” дар ҷадвали 4 нишон дода шудаанд, ки асосан аз ҳисоби онҳо воридоти пардохтҳо ба буҷети давлат ва содироти молу маҳсулот берун аз кишвар ба роҳ монда шудааст (ниг. ба ҷадвали 4)

***Ҷадвали 4***

***Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ МОИ вилояти «Суғд” дар солҳои 2020-2021***

*(ҳазор сомонӣ)*

| **№ п/п** | **Номгӯи корхонаҳо** | **Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **2020** | **2021** | **Бо фоиз нисбат ба соли гузашта** |
| | **Ҳамагӣ:** | **184274,6** | **295409,1** | **160,3** |
| | аз он ҷумла: | | | |
| 1 | ҶДММ «Реал» | 10154,4 | 14513,8 | 142,9 |
| 2 | ҶДММ«Равзана Пластик» | 1193,0 | 891,0 | 74,7 |
| 3 | ҶММ КМ«Силкоат Бойя» | 7755,2 | 8654,7 | 111,6 |
| 4 | ҶДММ КМ «Стар-Пласт» | 7918,6 | 6594,0 | 83,3 |
| 5 | ҶДММ КМ ТТ«Таҷпроф» | 113112,9 | 197182,9 | 174,3 |
| 6 | ҶДММ КФ «Фортуна Ко» | 5534,6 | 6417,9 | 115,9 |
| 7 | ҶДММ «Тоҷикполиэтилен» | 3799,5 | 3353,8 | 88,3 |
| 8 | ҶДММ «Ҷаҳони нав ММ» | 50,8 | - | - |
| 9 | ҶДММ КМ ТТ «Арча мебел» | 5374,7 | 8343,4 | 155,2 |
| 10 | ҶСК «Ариана метал пласт» | 17319,7 | 19980,0 | 115,3 |
| 11 | ҶДММ КМ ТТ «Афранг пластик» | 12061,2 | 19685,9 | 163,2 |
| 12 | ҶДММ «ДонаиАлмос» | - | 3442,0 | - |
| 13 | ҶДММ «Покзарф» | - | 36,0 | - |
| 14 | ҶДММ «Суғдиёна Агро» | - | 4526,2 | - |
| 15 | Филиали «Хантана Канада ИНК» | - | 1787,5 | - |

***Сарчашма:*** *ҳисоботи солонаи фаъолияти субъектҳои МОИ «Суғд» дар солҳои 2021 – 2022 ва Омори солонаи вилояти Суғд – Хуҷанд, Омори солонаи шаҳри Хуҷанд.*

*Ҷадвали 5*

***Ҳаҷми хизматрасонӣ МОИ вилояти «Суғд”дар давоми солҳои 2020-2021***

| № п/п | Номгӯи корхонаҳо | Ҳаҷми хизматрасонӣ (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **2020** | **2021** | **Бо фоиз нисбати соли гузашта** |
| | **Ҳамагӣ** | 3932,0 | 3908,1 | 99,4 |
| **аз он ҷумла:** | | | | |
| 1. | **МТҒ Коллеҷи тиббӣ- техникӣ** | 2838,2 | 2724,4 | 96,0 |
| 2. | **ҶДММ КФ «Дусти Амирхон»** | 1070,0 | 1144,8 | 106,9 |
| 3. | **МДМ Минтақаи озоди иқтисодии вилояти Суғд** | **23,8** | **38,9** | **163,4** |

***Сарчашма:*** *ҳисоботи солонаи фаъолияти субъектҳои МОИ «Суғд» дар солҳои 2021 – 2022 ва Омори солонаи вилояти Суғд – Хуҷанд, Омори солонаи шаҳри Хуҷанд.*

Аз додоҳои ҷадвалҳои 4 ва ҷадвали 5 чунин бармеояд, ки дар соли 2021 дар субъектҳои МОИ «Суғд» ба маблағи 295409,1 ҳаз. сом. маҳсулот истеҳсол гардида корҳои сохтмонӣ ва хизматрасонӣ иҷро шудааст. Ин нишондиҳанда шоҳиди самаранокии дастгирии давлатӣ мебошад. Соли 2021 дар муқоиса бо соли 2020 ба маблағи 281134,5 ҳаз. сомонӣ зиёд маҳсулот истеҳсол кардашуда аст. Ҳамчунин, ҳаҷми хизматрасонӣ, савдо ва дигар намуди хизматрасонӣ 163,4% иҷро гардидааст. Афзоиш 160,3%-ро ташкил мекунад.

Имрӯз барномаҳои иқтисодии инкишофи МОИ дар доираи Стратегияи миллӣ рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ҷиҳати муҳайё намудани муҳити мусоиди инкишоф ва ташкилӣ таҳия шуда истодаанд. Бо вуҷуди аз сабабҳои номаълум дар МОИ ”Суғд” аз 30 субъекти ба қайд гирифта, 15 субъект фаъолият надоранд, ки онҳо дар амалӣ намудани фаъолият ба ёрии молиявӣ ниёз доранд. [6,с.276]

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани самарабахшии рушди МОИ ин вусъатдиҳии миқёси МОИ “СУҒД” ва минбаъд ҷорӣ намудани имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ бо мақсади бунёди кластери ягонаи содирот меҳвар мебошад, ки метавонад ба мутавозин сохтани савдои хориҷӣ мусоидат намояд.[7,с.45]

Ҳамин тавр, роҳҳои дастгирии давлатии рушди МОИ, пеш аз ҳама, дастгирии молиявӣ, яъне маблағгузориҳо аз ҳисоби барномаҳои давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна, пешниҳод намудани андозҳои имтиёзнок ба корхонаҳои хурд; қарзҳои имтиёзнок ва суғуртакунии субъектҳои соҳибкории хурд; дар асоси озмун ба корхонаҳои хурд пешниҳод намудани фармоишоти давлатӣ доир ба истеҳсол ва коркарди навъҳои гуногуни маҳсулот ва кору хизматрасониҳо ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Дар тавсеаи фаъолнокии инноватсионии соҳибкорӣ дар вилояти Суғд фаъолияти МОИ “Суғд” аҳамияти калон дорад, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ минтақаи типи саноатию инноватсионӣ мебошад. Мақсади асосии он ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ тавассути фароҳам овардани муҳити мусоид мебошад. Дар байни минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ аз рӯйи ҳамаи параметрҳо, аз ҷумла ҳаҷми барориши маҳсулот, шумораи кормандон, теъдоди субъектҳои амалкунанда МОИ “Суғд” мавқеи пешсафро ишғол мекунад.

Дар натиҷаи самаранокии дастгирии давлатӣ дар МОИ “Суғд” саросар ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ идома дорад. Аз байни субъектҳои он дар ин самт ҶДММ “Равзана - пластик” ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҳисоби ҷорӣ намудани натиҷаҳои илмию инноватсионӣ дар ҶДММ “Равзана - пластик” ба бештар аз панҷ баробар афзудани ашёи хоми маҳаллӣ; қариб сеяк сарфа кардани нерӯйи барқ; бештар аз панҷяк паст

кардани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда ва ҳоказо мусоидат кардааст.

Хулоса, дар оянда барои бомуваффақият фаъолият намудани субъектҳои мавҷудаи МОИ ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ таъминоти иттилоотӣ яке аз омилҳои кори бомуваффақияти дастгирии давлатӣ ба шумор рафта, дар ин робита рушди минбаъдаи технологияҳои иттилоотӣ, ҷиҳати пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ ба истифодабарандагони Интернет васеъ истифода бурда мешавад.

Рушди корхонаҳои саноатӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва муаррифии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дастгирии давлатиро тайқозо мекунад.

Ҳамин тариқ, ҷалби сармоягузориҳо ба МОИ кишвар омили асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Барои он зарур аст, ки иҷрои ҳадафи чоруми миллии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, доир ба саноатикунонии босуръати кишвар татбиқ када шавад ва рушди минбаъдаи саноатро тавассути баланд бардоштани самаранокии соҳаи коркарди ашёи хом ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, таҷдиди воситаҳои асосӣ, воридоти технологияҳои инноватсионӣ ва ба ин васила тақвияти рақобатпазирии маҳсулот таъмин карда шавад.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №700 аз 25.03.2011 //http:// www.majmilli.tj*
2. *Қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1146 ва №1147 аз 29.10.08 //http://www.minjust.ww.tj*
3. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» таҳти №74 аз 6.02.2009 // http://www. sadoimardum.tj*
4. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Суғд» аз 02.05.2008, №227 // http://www.jumhuriyat.tj*
5. *Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе: Шарқи озод, 2017. -334с.*
6. *Ҳакимов А.Ҳ.,Каримова М.Т.,Қодиров Д.Б.,ШодиеваТ.Ғ. Иқтисод ва идоракунии минтақа. Китоби дарсӣ,-Душанбе: Деваштич,2002. - 276 с.*
7. *Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016 – 2020 // http://www. sadoimardum.tj*


### *REFERENCES:*


1. *Law of the Republic of Tajikistan " On Free Economic Zones in the Republic of Tajikistan No. 700 dated 25.03.2011 http://www.majmilli.tj ;*
2. *Resolutions of the Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan No. 1146 and No. 1147 of 29.10.08 //http://www.minjust.ww.tj;*
3. *Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the creation of free economic zones " Ishkashim" and " Dangara" No. 74 dated 6.02.2009 // http://www.sadoimardum.tj;*
4. *Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "On the establishment of free economic zones "Panj" and "Sughd" dated 02.05.2008, No. 227 // http://www.jumhuriyat.tj;*
5. *Tax Code of the Republic of Tajikistan-Dushanbe: Free East, 2017. - 334c.*
6. *Khakimov A.H., Karimova M.T.Kadyrov D.B., Shodievat T. D. Regional economy and Management. Textbook, - Dushanbe: Devashtich, 2002. - 276 P.*
7. *Medium-term program of socio-economic development of Sughd region for years 2016 – 2020 // http://www.sadoimardum.tj.*